«Тасдиқ мекунам»
Ректори МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» доктори илми таърих, профессор
_________ Усмонзода Аюб Ислом
«22» ноябри 2024.

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар – МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ба диссертатсияи номзадии Султонмамадова Марҳабо Айдармамадовна дар мавзуи «Асосҳои методии татбиқи муносибати босалоҳият ба таълими адабиёти тоҷик ҳангоми омӯзиши каломи манзум дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми педагогика аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.04 – Назария ва методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ) – пешниҳод шудааст.**

Дар замони Истиқлол низоми маорифи кишвар таҳаввулоти ҷиддие касб кард, зеро ин соҳа аз ҷониби Ҳукумати Тоҷикистон яке аз соҳаҳои афзалиятноки сиёсати дохилӣ эълон гардида, бевосита таҳти назар ва раҳнамоии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ -Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад. Пешвои миллат ҳангоми вохӯрӣ бо аҳли зиё дар бораи китобҳои дарсии муассисаҳои таълимӣ, аз ҷумла муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ изҳори назар карда, барои баланд бардоштани сифати таҳсилот дар назди мутасаддиён ва муҳаққиқони соҳа вазифаҳои ҷиддӣ ва пурмасъул гузоштанд. Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои самаранокии сифати таҳсилоти ҷавобгӯ ба талаботи стандартҳои таҳсилоти байналмилалӣ ва дар амал татбиқ намудани дастуру супоришҳои Сарвари кишвар аз ибтидои соли

2015-ум дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ муносибати босалоҳият ба таълимро ҷорӣ намуд, ки то имрӯз идома дорад. Татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим яке аз муҳимтарин иқдомест, ки Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи иҷрои ҳадафҳои Стратегияи миллии рушди маориф барои солҳои 2012 – 2020 ва Стратегияи миллии рушди соҳаи маориф дар давраи то соли 2030 роҳандозӣ намудааст. Ниёгони бузурги мо адабиётро фанни инсонсоз номидаанд, аз ин рӯ, барои тарбияи хонандагон дар руҳияи ифтихори миллӣ ва чун инсони бомаърифат ба камол расидани онҳо бояд фанни адабиёт вобаста ба талаботи муносибати босалоҳият озмоиш ва таҳқиқ шуда, натиҷаҳои босамари он дар амал татбиқ гардад. Масъалаҳои зикршуда зарурати омӯзиш ва таҳқиқи муносибати босалоҳият ба таълими адабиётро тақозо дорад, ки барои баланд бардоштани сифати таълим замина мегузорад. Бо дарназардошти масоили фавқуззикр мавзуи диссертатсияи унвонҷӯи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Султонмамадова Марҳабо Айдармамадовна "Асосҳои методии татбиқи муносибати босалоҳият ба таълими адабиёти тоҷик ҳангоми омӯзиши каломи манзум дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мавзуи актуалӣ буда, таҳқиқ ва дар амал татбиқ намудани натоиҷи он дар баланд бардоштани сифати таълими адабиёт муосир буда метавонад. Мавзуи диссертатсия аз масъалаҳои актуалии илми педагогика буда, ба яке аз самтҳои афзалиятдоштаи таҳқиқоти илмӣ дар Тоҷикистон, ба таҳқиқи методикаи таълими адабиёт ихтисос дорад. Мавзуи диссертатсияи Султонмамадова Марҳабо Айдармамадовна аз лиҳози илмӣ ва методӣ ба талаботи илмҳои педагогика ва методикаи таълими замони муосир ҷавобгӯ буда, ба шиносномаи ихтисоси илмӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми педагогика аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълим ва тарбия (13.00.02.04 - Назария ва методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ) мутобиқат дорад.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаи таҳқиқ ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат аст. М.А. Султонмамадова дар муқаддима муҳиммияти мавзуи таҳқиқ, дараҷаи

омӯзиши мавзуъ, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқ, объект, предмет, фарзияи таҳқиқ, асосҳои назариявию методологӣ, заминаҳои эмпирикӣ ва дигар масъалаҳои марбут ба мавзуъро муайян намуда, масъалаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшавандаро ироа намудааст. Унвонҷӯ зарурати таҳқиқи мавзуъро бо далел ва мадракҳои илмӣ исбот намуда, мақсади худро аз таҳқиқи мавзуъ пешниҳод мекунад, ки ҷанбаҳои илмию методӣ доранд.

Дар боби аввали диссертатсия, ки "Асосҳои назариявӣ ва методии муносибати босалоҳият дар таълими адабиёт дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ" унвон дошта, аз се фасл иборат аст, унвонҷӯ дар ибтидо асосҳои назариявӣ ва ҷанбаҳои методии муносибати босалоҳият ба таълимро дар заминаи таҳқиқоти анҷомдодаи методистони ватанию хориҷӣ ташхис намуда, мафҳум, талабот ва хусусиятҳои асосии муносибати босалоҳият дар таълими адабиёти тоҷикро муайян кардааст. Сониян, таълими интерактивии омӯзиши каломи манзум ва нақши технологияи таълимро дар ташаккули салоҳиятҳои хонандагон муайян намуда, натиҷаи озмоишҳои таълимиро доир ба омӯзиши каломи манзум дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ пешниҳод мекунад.

Таҳқиқ ва баррасии андешаҳои мутахассисон доир ба принсипҳои муносибати босалоҳият ба таълим ва муқоисаи он бо низоми суннатии таълими адабиёт унвонҷӯро ба чунин бардошт мерасонад, ки "таълими суннатӣ дар асоси назария бунёд ёфта, пасон амалияро меомӯзонид, аммо дар МБТ аввал амалия ва баъд назарияро меомӯзанд" (Диссертатсия,с.,28).

М.А. Султонмамадова аз таҳқиқи мавзуъ ва озмоишҳои анҷомдода ба хулоса меояд, ки таълими интерактивӣ, яъне тавъам бо ҳам ва бомавқеъ ба кор бурдани методҳои таълим ва ҳамкории хонандагону омӯзгор дар раванди дарс сифати таълимро баланд мебардорад. Унвонҷӯ бо такя ба таҳқиқоти методистон истифодаи технологияи таълимро ҳангоми омӯзиши каломи манзум дар синфҳои санҷишӣ ва назоратӣ таҷриба намуда, ба хулоса меояд, ки "ба кор бурдани бамавқеи методу усулҳои ба ҳам наздик дар ташаккули салоҳиятҳои гуногун замина мегузоранд"(Автореферат,с., 14). Муаллиф барои далели фикр усули таълими як китъаи устод Рудакиро дар синфи 5-ум нишон дода, бо такя ба озмоиши таълимии анҷомдода собит

менамояд, ки дар баробари методи суҳбат усулҳои дигар низ истифода мешаванд.

Дар боби дувум, ки "Муносибати босалоҳият ба таълими ашъори ғиноӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ" ном дорад ва аз се фасл иборат аст, ҷанбаҳои методии муносибати босалоҳият дар раванди таълими ашъори ғиноӣ дар се зинаи омӯзиши адабиёт мавриди таҳқиқ қарор гирифта, усули таълими онҳо пешниҳод шудааст. Унвонҷӯ нахуст, махсусияти таълими порaҳои шеъриро дар курси хониши эзоҳӣ (синфҳои 1-4) нишон дода, дар фаслҳои баъдина усули таълими ашъори ғиноиро дар шароити муносибати босалоҳият дар курси хониши адабӣ (синфҳои 5-7) ва таърихи адабиёт (синфҳои 8-11) бо такя ба озмоишҳои таълимие, ки гузаронидааст, пешниҳод менамояд. Дар фасли аввал муаллифи диссертатсия ашъори ғиноии китобҳои дарсии синфҳои 1- 4-ро таҳқиқ намуда, мувофиқ будан ё набудани он ба синну соли хонандагон, мақсади интихоби матни манзум, муваффақиятҳо, нуқсу норасоӣ ва монанди инҳоро бо далелҳои илмӣ исбот намудааст. Унвонҷӯ хусусиятҳои таълими ашъори ғиноиро дар курси хониши эзоҳӣ мушаххас намуда, тавсияҳои методӣ пешниҳод кардааст, ки аксар қобили қабуланд ва дар амал татбиқ намудани онҳо ба баланд бардоштани сифати таълим мусоидат мекунанд.

Дар фасли дуюми боби дувум таълими ашъори ғиноӣ дар курси хониши адабӣ (синфҳои 5-7) ва дар фасли сеюм дар курси таърихи адабиёт (синфҳои 8-11) вобаста ба талаботи муносибати босалоҳият мавриди озмоиш ва таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтаанд. Қобили зикр аст, ки М.А. Султонмамадова татбиқи амалии ҳар як марҳалаи муносибати босалоҳиятро ҳам дар курси хониши адабӣ ва ҳам дар курси таърихи адабиёт ҳангоми омӯзиши ашъори ғиноӣ дар асоси таҷрибаҳои таълимӣ батафсил пешниҳод мекунад.

Боби савум «Муносибати босалоҳият дар таълими осори манзуми ҳамосӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ" унвон дошта, аз ду фасл иборат аст. Унвонҷӯ бо такя ба озмоишҳои таълимии анҷомдодааш намунаи таълими достону ҳикоятҳои манзумро дар курси хониши адабӣ ва курси таърихи адабиёт вобаста ба талаботи муносибати босалоҳият дар муқоиса

бо низоми суннатии таълим мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор дода, натоиҷи онро пешниҳод намудааст.

Дар хулоса муаллифи диссертатсия дар 15 банд натиҷаву хулосаҳоро аз таҳқиқ ва озмоиши мавзуъ пешниҳод намудааст, ки арзиши илмию методӣ доранд. Хулосаҳои илмию методии диссертатсия дар татбиқи муносибати босалоҳият ҳангоми омӯзиши адабиёт, алалхусус каломи манзум дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва баланд бардоштани сифати таълими адабиёт арзишманданд. Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқи мавзуъ, ки дар 9 банд пешниҳод шудаанд, ҳангоми татбиқи муносибати босалоҳият дар дарсҳои адабиёти тоҷик, аз ҷумла, омӯзиши каломи манзум хусусияти консептуалӣ дошта, дар таҳияи стандартҳои давлатӣ доир ба соҳаи маориф, консепсияи таълими адабиёти тоҷик, барномаи таълими адабиёти тоҷик, китобҳои дарсии адабиёти тоҷик, дастурҳои методӣ доир ба методикаи таълими адабиёти тоҷик метавон аз онҳо истифода бурд.

Диссертатсияи Султонмамадова Марҳабо Айдармадовна дорои навгониҳои зиёдест. Аз ҷумла, муаллифи диссертатсия бори нахуст дар илми педагогикаи тоҷик методикаи таълими каломи манзумро вобаста ба талаботи муносибати босалоҳият ба таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо истифода аз технологияҳои навини таълим ва бо такя ба таҷрибаву озмоишҳои педагогӣ ба анҷом расонидааст. Усули таълими ашъори ғиноӣ ва осори манзуми ҳамосӣ, ки ба ташаккули салоҳиятҳо замина мегузоранд, дар се зинаи омӯзиши адабиёт бо мисолҳо ва далелҳои илмию методӣ собит шудааст. Аз он ҷумла, асосҳои назариявӣ ва ҷанбаҳои методии муносибати босалоҳият дар таълими адабиёти тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таҳқиқ шуда, хусусиятҳои муштарак ва тафовути муносибати босалоҳият аз омӯзиши суннатии каломи манзум муайян шудаанд. Муносибати босалоҳият ҳангоми таълими каломи манзум дар се зинаи омӯзиши адабиёт бо истифода аз технологияи интерактивӣ ироа шудааст, ки омӯзгорон метавонанд дар таълими ашъори шоирон ба сифати модули таълимӣ истифода баранд. Иштибоҳ ва номувофиқатии барномаву китобҳои дарсӣ ба синну соли хонандагон дар интихоб ва шарҳи ашъори

ғиноӣ муайян ва бо мадракҳои илмию методӣ нишон дода шуда. намунаҳои ашъори ғиноӣ ва осори манзуми ҳамосӣ барои се зинаи таҳсилот пешниҳод гардидааст. Истифодаи технологияҳои таълим (аз ҷумла корбурди методҳои интерактивии таълим) ҳангоми омӯзиши каломи манзум дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ метавонад. аз навгонии дигари диссертатсия бошад. Ҳамчунин унвонҷӯ таълими консептуалии каломи манзумро дар шароити муносибати босалоҳият дар таълим пешниҳод намудааст. ки арзиши илмию методӣ ва амалии диссертатсияро афзудааст. Хулосаву тавсияҳои методии диссертатсияро дар навиштани китобҳои дарсӣ ва дастуру воситаҳои таълимӣ доир ба методикаи таълими адабиёти тоҷик. ҳангоми тартиб додани барномаи таълими адабиёти тоҷик барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ. моделҳои таълимӣ барои омӯзгорону донишҷӯён ҳангоми гузаронидани таҷрибаҳои омӯзгорӣ. хондани лексияҳо. курсҳои махсус ва семинарҳо аз методикаи таълими адабиёти тоҷик метавон истифода бурд.

Мазмун ва мухтавои асосии диссертатсия дар 10 мақолаи муаллиф. ки панҷтои онҳо дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд ва ду дастури таълимӣ инъикос ёфта. ба мавзуъ ва мазмуни диссертатсия алоқаи бевосита доранд. Мақолаҳои илмӣ ва методии нашршудаи муаллифи диссертатсия ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34.35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат мекунанд.

Автореферат мазмуну муҳтавои диссертатсияро инъикос намудааст. Муқаддима. бобу фаслҳо. хулоса ва тавсияҳои методии диссертатсия бо автореферат мувофиқат дошта. ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ҷавобгӯ мебошад. Мухтавои рисола бо фушурдаи он. ки бо ду забон: тоҷикӣ ва русӣ иншо шудааст. мувофиқати комил дорад ва мундариҷаи корро мақолоҳои таълифнамудаи муаллиф пурра инъикос мекунанд. Рӯйхати адабиёт бар асоси меъёр ва талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мураттаб гардидааст.

Дар диссертатсияи М.А. Султонмамадова баъзе норасоиҳо мушоҳида шуд. ки ислоҳи онҳо арзиши корро боз ҳам баланд мебардорад:

а) дар рисола ғалатҳои имлоӣ, китобатӣ ва услубӣ ҷой доранд, ки ислоҳ кардани онҳо душворӣ надорад;

б) ба назари мо ба ҷои "Феҳристи адабиёти истифодашуда" навиштани "Феҳристи адабиёт" мувофиқтар аст;

г) луғатомӯзиро ба ҳайси усули таълим муаррифӣ кардан лозим нест, балки кор бо луғат аз навъҳои асосии кор бо матни бадеӣ аст;

ғ) гоҳо дар иқтибосоварӣ рақамҳои бароп адабиёти истифодашуда ишорашуда бо тартиби феҳраст мувофиқат надорад.

Лозим ба қайд аст, ки норасоиву ғалатҳои зикргардида арзиши илмии таҳқиқоти диссертатсиониро кам намекунанд ва натиҷаҳои асосии назариявию амалии кори мазкурро халалдор намекунанд.

Диссертатсияи Султонмамадова Марҳабо Айдармамадовна дар мавзуи «Асосҳои методиии татбиқи муносибати босалоҳият ба таълими адабиёти тоҷик ҳангоми омӯзиши каломи манзум дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми педагогика аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.04 – Назария ва методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ) пешниҳод шудааст, кори ба итмомрасида буда, ба талаботи бандҳои 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021,№ 267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад. Муаллифи диссертатсия шоистаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илми педагогика аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.04 – назария ва методикаи талими фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ) мебошад.

Тақриз аз тарафи эксперт, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Аҳмадов Мирзоҳабиб мураттаб шудааст.

Тақризи муассисаи пешбар дар доираи натиҷаи ҷаласаи ғайринавбатии кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷики МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров" дар ҳузури 14 нафар устоди кафедраи мазкур, ки довталаби дараҷаи илмӣ Султонмамадова Марҳабо Айдармамадовна иштирок ва гузориш намуд, баррасӣ ва тасдиқ шудааст.

Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор" – 14 нафар, "бетараф" – нест, "муқобил" – нест. (Қарори ҷаласаи ғайринавбатии кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷики МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров" аз 20-уми ноябри соли 2024, № 4).

**Раиси маҷлис:**
Мудири кафедраи методикаи
таълими забон ва адабиёти тоҷики факултети
филологияи тоҷики МДТ "ДДХ ба номи академик
Бобоҷон Ғафуров", номзади илмҳои филологӣ,
дотсент Тиллохоҷаева М. Н.

**Эксперт**
номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти кафедраи методикаи таълими
забон ва адабиёти тоҷики факултети
филологияи тоҷики МДТ "ДДХ
ба номи академик Б. Ғафуров"
Аҳмадов Мирзоҳабиб

**Котиби ҷаласа:**
дотсенти кафедраи методикаи
таълими забон ва адабиёти
тоҷики факултети филологияи тоҷики
МДТ "ДДХ ба номи академик
Б. Ғафуров" Бобоева Иноят

Имзои Тиллохоҷаева М.Н., Аҳмадов М.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ
МДТ "ДДХ ба номи академик
Бобоҷон Ғафуров" Саидуллозода З.С.

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1.
Тел: +(992) 928057007
E-mail: ddhkadr@mail.ru